*Иттифоқ аст он, ки ҳар душворро осон кунад,*
*Варна аз тадбири як нохун гireҳ натвон кушод.*

# ҲОМИИ ОМӮЗГОР

№ 2 (89)
20 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2017
Оғози нашр 18 декабри соли 2009

Нашрияи Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Мулоқот бо роҳбарияту фаъолон ва масъулони соҳаҳои гуногуни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе

**15.02.2017, шаҳри Душанбе**



15 феврали соли ҷорӣ дар Маҷмааи давлатии «Кохи Борбад» мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарияту фаъолон ва масъулони соҳаҳои гуногуни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе баргузор шуд.

Дар мулоқот раёсат ва аъзои Ҳукумати мамлакат, роҳбарияти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқу тартибот, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, намояндагони ташкилоту муассисаҳои гуногуни пойтахт, доираи соҳибкорону тоҷирон, аҳли илму маърифат, зиёиён, иттиҳодияҳои эҷодию динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд.

Нахуст дар ҳузури иштирокчиёни мулоқот Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, аз гузашта ва имрӯзи ҳаёти иқтисодию иҷтимоии пойтахти мамлакат- шаҳри Душанбе ва мушкилоту дастовардҳои он дар давоми 25 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар шуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузории мулоқоти имрӯзаро идомаи тадбирҳои созандаи роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоии шаҳри Душанбе арзёбӣ намуда, изҳор доштанд, ки ин вохӯрӣ барои дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷудаи пойтахти мамлакат ва таҳияи нақшаю барномаҳои наву муосири таъминкунандаи пешрафту тараққиёти бемайлони он дар оянда шароити созгор фароҳам хоҳад овард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври муфассал вазъи соҳаҳои муҳими хоҷагии халқи шаҳри Душанберо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, барои бартараф намудани мушкилоти тамоми соҳаҳои шаҳрдорӣ ва мусоидат ба таъмини рушди устувори онҳо масъулини дахлдорро вазифадор намуданд. Ба таври мушаххас вазъи соҳаҳои роҳу нақлиёт, барқу гармидиҳӣ, обу корезӣ, тартиботи ҷамъиятӣ,



хизматрасонӣ ба аҳолӣ, бозору марказҳои савдо, тандурустӣ, варзиш, мактабу муассисаҳои соҳаҳои маорифу фарҳанг, дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо мавриди таҳлил қарор дода шуда, роҳбарият ва масъулони мақомоти ҷумҳуриявӣ ва сохторҳои шаҳрӣ барои ислоҳи камбудию норасоиҳои ҷойдошта супоришҳои қатъӣ гирифтанд.

Ҳамчунин, тақвият бахшидани фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ дар тамоми шаҳраку маҳаллаҳои шаҳри Душанбе барои таҳким бахшидани корҳои ободонию созандагӣ дар пойтахти мамлакат тақозо карда шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштироки фаъол дар тадбирҳои ободонию хуррамгардонӣ ва фароҳамсози пешрафту тараққиёти бемайлони шаҳри Душанберо рисолати шаҳрвандии ҳар як сокини бошарафи пойтахт арзёбӣ карда, аз ҳамагон бори дигар даъват ба амал оварданд, ки дар иҷрои ин рисолати воло ҷиддӣ ва масъулиятшинос бошанд.

Дар анҷоми вохӯрӣ доир ба масъалаҳои муҳими ҳаёти ҳамарӯза ва дурнамои рушду тараққиёти бештару хубтари шаҳри Душанбе байни Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иштирокчиёни мулоқот аз ҳисоби доираи соҳибкорону тоҷирон ва фаъолони пойтахти мамлакат суҳбати самимӣ ва мубоҳисаи судманд доир гардид.

Сипас, дар чорабинӣ иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба сухан баромада, ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирию таваҷҷуҳи пайваста изҳори сипосу миннатдорӣ намуд. Иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Душанбе таъкид бар он дошт, ки дар доираи дастуру супоришҳои роҳнамунсози Сарвари давлат роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр барои ободонию пешрафти пойтахти мамлакат тамоми тадбирҳоро амалӣ хоҳад кард.

**Prezident.tj**

## Рамзи Иди байналмилалии Наврӯз-2017 тасдиқ гардид




Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рамзи ҷашни Иди байналмилалии Наврӯзро тасдиқ намуданд.

Вазорату идораҳо, муассисаву ташкилот, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе аз рамзи мазкур истифода намоянд.

**Prezident.tj**

## «Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ» чоп шуд




Тайи солҳои соҳибис-тиқлолӣ соҳаи маорифи кишвар низ дар радифи дигар соҳаҳои хоҷагии халқ рушду тараққӣ ёфт ва дар ин самт дастовардҳои бузург ба даст оварда шуданд. Ин ҳама комёбиҳои назаррас дар китоби мукаммалу пурмуҳтаво, ки таҳти унвони «Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ» аз ҷониби олимон Р.Мирбобоев, Х.Зиёев, С.Қосимӣ ва Б.Бадалов таълиф гардидааст, инъикоси ҳамаҷонибаи худро ёфтаанд.

Китоби мазкур бо пешгуфтори вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Нуридин Саид ҳусни оғоз ёфта, дар он, аз ҷумла, омадааст:

«… Ин маҷмӯа, ки «Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ» унвон гирифтааст, дар асоси маълумоти омории соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили коршиносони ватанӣ ва байналмилалӣ, ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия шуда, дастовардҳои соҳаи маорифро дар даврони бисту панҷ соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелу асноди мушаххас бозгӯ менамояд.

Дар маҷмӯаи мазкур мушкилоти мавҷудаи соҳа ва роҳҳои бартараф кардани онҳо низ ба сифати пешниҳод зикр шудаанд».

Китоби «Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ» аз чаҳор боб: «Рушди таҳсилот дар солҳои Истиқлолият», «Истиқлолияти давлатӣ ва рушди илм», «Заминаи таълимӣ ва моддаи соҳаи маориф ва илм дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ» ва «Густариши робитаҳои байналмилалии муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ дар даврони Истиқлолият» иборат гардида, бо теъдоди 5000 нусха аз тариқи нашриёти «Маориф» ба нашр расидааст.











# 4 МАСЪАЛАИ

## ГУЗОРИШ АЗ ПЛЕНУМИ САЙЁРИ КУМИТАИ ИТТИФОҚИ

11-уми феврали соли ҷорӣ дар толори Донишгоҳи давлатии Данғара Пленуми сайёри Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид, ки дар он раиси Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илм Р.Одиназода, муовини раиси ноҳияи Данғара М.Амиршоева, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Н.Шоҳиён, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Данғара С.Ниёзмуҳаммад ва аъзоёни кумитаи ҷумҳуриявӣ (Пленум) ширкат варзиданд.

Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Н.Шоҳиён зимни сухани ифтитоҳӣ аз ҳамкориҳои дуҷонибаи донишгоҳу иттифоқи касаба ва дастовардҳои донишгоҳ ибрози андеша намуда, пешниҳод кард, ки минбаъд ҷиҳати ноил шудан ба дастовардҳои бештар ва баланд бардоштани сифати таҳсилот фаъолияти омӯзгорон натиҷагирӣ карда шавад.

М.Амиршоева-муовини раиси ноҳияи Данғара ба кори ҷаласаи кумитаи ҷумҳуриявӣ муваффақият хоста, ҳамчунин, аз фаъолияти кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми ноҳия ва иттифоқи касабаи муассисаҳои таълимӣ сухан ронд. Мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Данғара С.Ниёзмуҳаммад бошад, аз дастовардҳои соҳаи маориф дар ноҳия, ки дар якҷоягӣ бо кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илм ба даст омадааст, изҳори қаноатмандӣ кард.

Дар ин росто, қабл аз оғози кори Пленум раиси Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илм Р.Одиназода ба муовини раиси ноҳияи Данғара М.Амиршоева, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Н.Шоҳиён, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Данғара С.Ниёзмуҳаммад ҷиҳати дастгирии ҳамаҷониба ва ҳамкориҳои судманд Ифтихорномаи Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақдим намуд.

Р.Одиназода-раиси Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илм дар идома, зимни сухани ифтитоҳӣ, вобаста ба эълон гардидани соли 2017-Соли ҷавонон сухан намуда, аз ҷумла қайд кард, ки аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ нахустин қадами устуворе, ки аз ҷониби Сарвари давлат гузошта шуд, қабул гардидани заминаи меъёрии ҳуқуқии устуворкунандаи фаъолияти сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон” аз 13 марти соли 1992 мебошад, ки ҳадаф аз қабули он, пеш аз ҳама, дар оянда ба камол расонидани насли худогоҳу худшинос, ватандӯсту ватанпарвар ва соҳибмаърифату закӣ дар ҷомеа мебошад.

- Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил шудан ба дастовардҳои муҳим дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангии ҷавонон нақши босазо гузошта, ба ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон ва тадриҷан фароҳам овардани имкониятҳои васеи рушду такомули ҷавонон дар шароити мураккаби тағйирёбии сохториву ҷамъиятӣ мусоидат намуд, ки саҳми ҷавонон дар ин раванд хеле самарабахш арзёбӣ мегардад, қайд кард Р.Одиназода. -Дастоварди назарраси соҳа дар соли 1997 таъсиси мақоми давлатии ваколатдор дар сохтори Ҳукумат - Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Инак, 14 сол аст, ки мақомоти давлатии ваколатдор дар соҳаи ҷавонон дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат сиёсати давлатии ҷавононро амалӣ менамояд. Вохӯриҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони ҷавонони кишвар собит месозанд, ки Сарвари давлат ба нерӯи созанда ва пешбарандаи ҷавонон итминони зиёд дорад. Аз ин рӯ, ҳар мулоқот бо ҷавонони кишвар бо падидаи ҷолиб ва ташаббуси наҷиб оғоз меёбад.

-Дар марҳалаи минбаъдаи рушди давлатдории миллӣ боз қабул гардидани як қатор асноди меъёрию ҳуқуқӣ, аз қабили “Стратегияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020”, “Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон” ва дигар барномаҳои соҳавию ҷоизаҳои таъсисёфта барои ҷавонон аз ғамхориву таваҷҷуҳ нисбат ба ҳаёт ва фаъолияти ин қишриояндасози кишвар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз ин ҷост, ки соли 2017 – Соли ҷавонон эълон гардида, Шӯрои милии кор бо ҷавонон дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, -иброз дошт Р.Одиназода.

Сипас, дар идомаи ҳамоиш раёсати корӣ, регламент, котибот, ҳайати комиссияи таҳририрӣ ва комиссияи баҳисобгирии овозҳо интихоб гардида, Пленум ба кори худ шурӯъ кард, ки дар он чор масъала мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Аз рӯйи масъалаҳои якум ва дуюм раиси кумита Р.Одиназода баромад намуда, иброз дошт, ки И.Мақсудов-собиқ раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Исфара, Х.Наҷмиддинова-собиқ раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Конибодом, Қ.Шарофзода-собиқ раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Панҷакент бинобар қатъ гардидани ваколаташон ва Ҷ.Сироҷов-собиқ нозири ҳуқуқи меҳнати Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби аз кор рафтан аз аъзогии кумитаи ҷумҳуриявӣ бароварда шуданд. Ҳамчунин, вобаста ба масъалаи дуюм пешниҳод намуд, ки ҳайати кумита аз ҳисоби аъзоёни фаъоли он А.Ширинов-мудири шуъбаи ташкилӣ, кор бо кадрҳо ва коргузории кумитаи ҷумҳуриявӣ, Ғ.Дадабоев-раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Хуҷанд, З.Ҳасанова- раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Исфара ва Н.Сироҷиддинов- раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи ноҳияи Айнӣ пурра карда шаванд. Оид ба масъалаҳои мазкур қарорҳои дахлдор низ қабул карда шуд.



Аз рӯйи масъалаи сеюм-«Дар бораи рафти иҷрои қарорҳои Анҷумани XII, Пленуму раёсатҳо ва Барномаи амали фаъолияти Иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2021» муовини раиси Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илм М.Қурбонов баромад намуд. Мавсуф иброз дошт, ки Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои зерсохтори он солҳои 2015-2016 оид ба иҷрои қарорҳо ва пешниҳодҳои дар Анҷумани Х11-уми иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулгардида корҳои муайянеро ба анҷом расониданд. Дар асоси қарорҳои қабулшуда як қатор масъалаҳо пешниҳод гардида буд, ки аксарияти онҳо амалӣ гардидаанд.

- Натиҷаи таҳлили ҳисоботҳои кумитаҳои зерсохтор нишон дод, ки дар соҳа ду созишномаи соҳавӣ: байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи иттифоқӣ касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикисон ва байни Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 78 созишномаҳои минтақавӣ ва дар муассисаҳои соҳа 4389 шартномаи коллективӣ баста шуданд, ки дар маҷмӯъ 98,9%-ро ташкил медиҳад, - қайд кард М. Қурбонов. - Ҳамчунин, ҷиҳати мутобиқ намудани Фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 844 аз 24.11.2004 «Дар бораи ташкили ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ дар системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба қонунгузории амалкунанда аз ҷумлаи дигар пешниҳодҳост. Айни замон шумораи нозирони меҳнат 18 нафар ва нозирони ҷамъиятии ҳуқуқи меҳнат 4 нафарро ташкил дода, ташкилу назорати ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ намуда истодаанд. Дар ду соли сипаришуда аз ҷониби нозирони меҳнат зиёда аз 470 амрнома ба корфармоён тартиб дода шудааст, ки он 1445 бандро дар бар гирифта, дар раёсатҳои кумитаҳои иттифоқи касабаи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ масъалагузорӣ карда шудаанд.

Пешниҳодоти дигар, аз қабили:

-вобаста ба ҷорӣ намудани назорати доимӣ оид ба пардохти саривақтии музди меҳнат ва маблағҳои ба он баробаркардашуда, бартараф намудани қарздории музди меҳнат, ки бо фармоиши раиси кумита ҳар моҳ аз тамоми кумитахои зерсохтор маълумотнома оид ба пардохт шудан ё нашудани музди меҳнати кормандони соҳа ҷамъоварӣ шуда, баррасӣ карда мешаванд ва дар ҳолатҳои зарурӣ ба раисони шаҳру ноҳияҳо, шаҳр, вилоят ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот фиристода шуда, дар ҳолатҳои алоҳида ба Прократураи генералӣ низ маълумот ва дархост фиристода шудааст;

-вобаста ба қабул намудани муроҷиатнома дар хусуси ҷудо намудани манзили зист ва замини наздиҳавлигӣ ба Ҳукумати шаҳри Душанбе ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ин самт низ корҳо идома дорад. Инчунин, бояд қайд кард, ки дар асоси ҳамкориҳои тарафайн байни Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби вазорат ба кормандони кумита панҷ ҳуҷраи хизматӣ дода шуд;

-ҷиҳати дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав дида баромадани сметаи сарикасии маблағгузорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ бо дарназардошти

# 1 ҶАЛАСА

## КАСАБАИ МАОРИФ ВА ИЛМ ДАР НОҲИЯИ ДАНҒАРА

таклифу дархостҳои аъзоёни иттифоқи касаба, ки тартиби пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таълимӣ аз нав тартиб дода шуда, он бо кумитаи иттифоқи касаба мувофиқа карда шуд;

-пешниҳод доир ба дигаргун намудани самти фаъолияти комиссияҳои доимоамалкунанда вобаста ба талаботи Оинномаи иттифоқи касаба, ки бо ин мақсад ҳайати комиссияҳои доимӣ пурра карда шуданд ва дар назди Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони кумитаҳои доимӣ ҳисобот додаанд.

-Кумитаи иттифоки касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти иттифоқҳои касаба, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои дигар ва баланд бардоштани нуфузи иттифоқҳои касаба, бо як қатор ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкории судмандро ба роҳ мондааст, аз ҷумлаи Созмони маорифи байналмилалии Аврупо, Ташкилоти Байналмилалии Маориф, Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат, Ташкилоти байналмилалии иттифоқҳои касабаи Федератсияи Россия ва ғайра;

- вобаста ба такмили ихтисос, ки асоси пойдорӣ ва мустаҳкамии иттифоқи касаба аст, дар соли 2016 240 нафар раисони ташкилотҳои ибтидоӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ аз курси такмили малака ва бозомӯзии назди Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳаҷми 42 соат ва 7 рӯз пешбинӣ шуда буд, гузаштанд;

-оид ба масъалаи ҷобаҷогузории кадрҳо, интихоби ҷавонон ва занон ба вазифаҳои роҳбарикунандаи ташкилотҳо аҳамияти зарурӣ дода шуд.

- ҷиҳати мустаҳкам намудани ҳамкорӣ оид ба қабули ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои ҳуқуқӣ Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона дар таҳия ва қабули як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ иштирок карда, инчунин, ҳайати комиссияи корӣ оид ба тартиб додани лоиҳаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои назаррас намуд, ки аксари он аз ҷониби вакилон пазируфта шуд ва ба лоиҳаи Кодекси меҳнат ворид карда шудаанд, ки ваколату нуфузи иттифоқи касабаро зиёд мекунанд;

-оид ба беҳтар гардонидани солимгардонии кӯдакону наврасон дар ду соли охир фаъолияти хуби Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳайё кардани шароити хуб дар истироҳатгоҳи берунашаҳрии «Чайка» мебошад, ки бо ибтикори раиси кумита ҳавзи шиноварӣ ва майдончаи варзишӣ (футболи хурд), ҷавобгӯ бо талаботи замони муосир ба истифода дода шуд, инчунин, шароит, ҳолатҳои санитарию гигиенӣ ва хӯроки кӯдакон дар истироҳатгоҳ хеле хуб гардид;

-масъалаҳои назорати иҷрои имтиёзҳо ба кормандони педагогӣ, ки қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, пардохти коэффитсент барои баландкӯҳӣ ва ҷойҳои беоб, боз ҳам беҳтар кардани солимгардонии кормандон ва аҳли оилаи онҳо, мустаҳкам намудани интизоми молиявӣ ва риояи меъёри муқарраршудаи ҳиссаҷудокунӣ ва иҷрои қарор, дастуру супоришҳои мақомоти болоии иттифоқи касаба низ роҳи ҳалли худро ёфтааст.

Вобаста ба масъалаи мазкур иштирокдорон фикру андешаҳои худро иброз доштанд. Аз ҷумла:



Ш.Саъдиев-сармутахассиси шуъбаи ташкилӣ, коргузорӣ ва кор бо кадрҳо:

- Дар идомаи тақвияти суханони маърӯзакунанда мехоҳам илова намоям, ки дар Анҷумани XII-ум зиёда аз 20 қарор аз рӯйи масъалаи рӯзномаи Анҷуман қабул гардида буд. Дар давраи кори Анҷуман 13 қарор аз рӯйи рӯзнома амалӣ гардид ва 7 қарори дигар аз рӯйи масъалаҳои дар рӯзномаи Анҷуманбуда амалӣ шуда истодааст.

Вобаста ба қарори масъалаҳои 6-7-уми дар рӯзномаи Анҷуман тасдиқгардида, бояд қайд кард, ки он замон барои комиссияҳои назоратию тафтишотии иттифоқҳои касаба беҳтарин низомнома таҳия карда шуд. Мутаассифона, комиссия баъд аз Анҷуман ба таври бояду шояд фаъолият накард. Ин боис гардид, ки дар Пленуми аввалини кумита тибқи талаботи Оиннома аз нав ҳайти комиссияи назоратию тафтишотӣ пурра карда шавад. Хушбахтона, акнун комиссия нақшаи корӣ пешниҳод кардааст, ки дар асоси он кори худро минбаъд идома медиҳад.

Ҳамчунин, дар қатори дигар низомномаҳо ду низомномаи дигар қабул гардид, ки яке аз он танзимкунандаи фаъолияти комиссияи ваколатӣ мебошад. Зимни таҳияи он баҳсу мунозира буд, ки комиссия ваколатӣ дар давраи Анҷуман интихоб карда мешавад ва дар муҳлати муайян фаъолияташро қатъ намояд. Аксари иштирокчиён талаб намуданд, ки вазифаи комиссия бояд доимоамалкунанда бошад. Мақоми онро ҳамчун мақоми доимоамалкунанда кардем, аммо то имрӯз надидем, ки боре ин комиссия ҳатто як ҷаласа гузаронида бошад. Бо ин монанд, Низомномаи мақоми аъзои кумитаи ҷумҳуриявӣ низ таҳия карда шуд. Имрӯз аъзои Пленуми кумита 35 нафарро ташкил медиҳад, аммо танҳо 10-15 нафар ба талаботи оинномавию низомномавӣ ҷавоб гуфта метавонаду халос. Аз ин рӯ, ин масъалаҳо аз зумраи масъалаҳоест, ки бояд натиҷагирӣ шуда, то Анҷумани навбатӣ амалӣ карда шаванд.

Раиси кумита Р.Одиназода вобаста ба андешаҳои ироашуда ба масъулин дастур дода, иброз дошт, ки масъалаҳои мазкур зери назорати ҷиддӣ қарор гирифта, то баргузории Анҷуман мавриди амал қарор дода мешаванд.

Вобаста ба масъалаи чорум- «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» раиси кумита иброз дошт, ки ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи аз се вилоят ва 68 шаҳру ноҳия, аз муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ беш аз чил сахифа таклифу пешниҳодҳо ироа шудааст. Бо назардошти ин, дар кумита гурӯҳи кории салоҳиятнок таъсис дода шуд, ки он фикру пешниҳодоти манзуршударо омӯхта, хулосаи ниҳоиро барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Пленум пешниҳод карданд.

-Қабл аз он ки Оиннома аз қайди давлатӣ мегузарад, бояд тамоми бандҳои он бори дигар боҷиддият аз назар гузаронида шавад ва фикру андешаҳое, ки имрӯз пешниҳод мегардад, ба инобат гирифта шавад,-иброз дошт Р.Одиназода.



Т.Раҷабов-раиси Кумитаи иттифоқи касабаи кормандону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иброз дошт, ки -то он замоне, ки Оиннома ба қайд гирифта мешавад, бояд гурӯҳи корӣ васеъ карда шуда, як маротибаи дигар ҳуҷҷати мазкур ҳамаҷониба омӯхта шавад. Зеро ҳар қадар агар он такмилёфта бошад, ба манфиати кор аст. Мешавад, ки имрӯз ин лоиҳаро ҳамчун асос қабул кард, аммо қисмати асосноккунии онро бояд мукамалтар намуд.

Ҳамчунин, раисони кумитаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва раисони кумитаҳои вилоятӣ пешниҳод намуданд, ки гурӯҳи корӣ то ҷаласаи раёсати навбатӣ бори дигар лоиҳаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, сипас, хулосаи ниҳоӣ манзур карда шавад.

Бо ҳамин, кори Пленум ҷамъбаст гардида, қарорҳои дахлдор қабул гардиданд. Инчунин, раисон ва фаъолони кумитаҳои иттифоқҳои касабаи як қатор шаҳру ноҳияҳо бо Ифтихорнома ва Сипоснома ва як нафар варзишгари ноҳия, омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №70 Асомиддин Сангов, ки аз рӯйи намуди вазнбардорӣ бо дастовардҳои назаррас Парчами Тоҷикистонро баланд бардоштааст, аз ҷониби кумита бо Ифтихорнома ва ноутбук қадрдонӣ карда шуданд.

Ҳамчунин, аз ҷониби Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми ҷумҳурӣ ва кумитаи иттифоқи касабаи маорифи вилояти Суғд ҷиҳати ғанӣ гардонидани фонди китобхонаи донишгоҳӣ ба Донишгоҳи давлатии Данғара як қатор китоб ва дигар туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

Баъд аз ҷамъбасти Анҷуман иштирокчиён аз Осорхонаи гимназияи ҷумҳуриявӣ дидан намуда, тавассути аксҳо аз ҳаёти мактабхонию донишҷӯии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, асарҳои пурарзиши Ҷаноби Олӣ ва китобҳое, ки доир ба ҳаёту фаъолияти ӯ навишта шудаанд, ошноӣ пайдо карданд. Гузашта аз ин, боиси ифтихори иштирокчиёни Пленум буд, ки аз синфхонае, ки Ҷаноби Олӣ таҳсил намудаасту он бо мизу курсиаш нигоҳ дошта шудааст, дидан карданд.

**«Ҳомии омӯзгор»**











# ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА ҲОМИИ ОМӮЗГОРОН АСТ

22 декабри соли 2016 сокинони мамлакат, аз ҷумла шаҳру навоҳии вилояти Суғд Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо рӯҳбаландӣ тамошо карданд, ки дар он Президенти азизамон дастовардҳои дар зарфи 25 – соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овардаи мамлакатамонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд.

Дар ҳақиқат, таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи пешрафти соҳаи маориф, бунёд намудани муассисаҳои таҳсилотӣ, ғамхорӣ дар ҳаққи омӯзгорон то рафт афзоиш ёфта, соҳаи маориф ба яке аз соҳаҳои пешрафтаи мамлакат табдил ёфта истодааст.

Аслан бояд гуфт, ки рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҳар як шаҳрванди кишвар масъулиятшиносӣ, содиқ будан ба халқу Ватанро тақозо мекунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли гузашта дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мо-маорифчиён вазифа гузошта буданд, ки пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ворид шудан ба фазои ҷаҳонии иттилоот, тарбияи мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замон, инчунин, ба шароити замона мутобиқ гардонидани мазмуну мундариҷаи таълиму тарбия таваҷҷуҳ намоем. Фаъолияти аҳли маорифи шаҳри Истаравшан дар соле, ки сипарӣ шуд, баҳри иҷрои муваффақонаи ҳамин дастуру супоришҳои Пешвои миллатамон равона гардида, қобили хурсандист, ки дар ин ҷода бо дастовардҳои назаррас ноил гарданд.

Қобили зикр аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон табиатан шахси дилсӯзу ғамхор, мутаваҷҷеҳи пешрафти тамоми соҳаҳо, хусусан, мактабу маориф, илму фарҳанги кишвар буда, ба фаъолияти иттифоқҳои касаба низ диққати ҷиддӣ дода, дар ин маврид гуфтаанд, ки "Мо ҷонибдори иттифоқҳои касабаи муқтадирем, ки қобилияти самаранок кор кардан ва сари вақт ҳаллу фасл намудани масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа бошад".

Бинобар ин, кумитаи шаҳрӣ якҷо бо ташкилотҳои ибтидоӣ дар соли 2016 барои ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқӣ, маҳнатӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии кормандон корҳои муайянеро ба сомон расонид.

Муваффақиятҳои кори кумитаи иттифоки касаба, дар навбати аввал, аз шартнома бастан, ба қайд гирифтан ва сифати шартномаи коллективию созишномаҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, дар натиҷаи ба иҷро расонидани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ» фаъолияти иттифоқи касаба хеле беҳтар гашт.

Дар соли 2016 ва солҳои минбаъда фаъолияти кумита бевосита ба ҳифзи иҷтимоии кормандон равона карда шудаанд, ки ин яке аз роҳҳои асосии пешбурди сифати таълим мебошад. Аз ин рӯ, кумитаи шаҳрӣ тамоми қувваро баҳри беҳтар намудани кори ташкилотҳои ибтидоӣ равона намуда, аз тарафи дигар, аз болои тартиби ба кор қабул намудан ва аз кор озод кардани кормандон, додани рухсатиҳои меҳнатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои дигари кормандон назорати доимӣ бурда истодааст.

Сарвари давлат зимни иораи Паём дар бобати татбиқи ҳамаҷонибаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбия фарзанд» дастуру супоришҳои мушаххас дода буданд. Бояд гуфт, ки дар мавриди иҷрои ҳатмии ин ҳуҷҷат кумитаи иттифоқи касаба нақшаи чорабиниҳо мураттаб сохта, иҷрои ҳатмии онро аз ташкилотҳои ибтидоӣ тақозо менамояд. Айни ҳол дар тамоми муассисаҳои таълимии шаҳр комиссияҳо аз рӯи нақшаи чорабиниҳои тартибдодашуда фаъолият карда истодаанд. Ҳамзамон, дар тамоми муассисаҳои таълимӣ бо хатмкунандагон ва падару модарони онҳо суҳбату вохӯриҳо оид ба ҷараёни иҷрои ин қонун гузаронида шуда истодааст.

Кумитаи шаҳрии иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Истаравшан ва зерсохторҳои он ҷиҳати ташкил ва гузаронидани истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиҷроияи Шӯрои Генералии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон як силсила корҳоро ба иҷро расонидаанд.

Бо дастгирии кумитаи иттифоқи касабаи вилояти Суғд 5 нафар хонанда аз оилаҳои камбизоат дар «Маркази солимгардонии Суғд» фаро гирифта шуданд.

Масъалаи ташкили омӯзиши раисони ташкилотҳои ибтидоӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва муҳосибон дар ин давра дар мадди назари кумитаи иттифоқи касаба қарор дошта, 4 маротиба семинарҳои омӯзишӣ ташкил карда шуд.

Имрӯз дар 81 ташкилоти ибтидоӣ 4732 нафар корманд фаъолият мебарад. Фаъолияти нисбатан беҳтари маъмурият ва иттифоқҳои касабаи МТМУ-и №№1, 2, 5, 7, 15, 31, 32, 36, гимназияҳои №№4,5, литсеи №1, боғчаҳои №№1, 4, 5, 6-ро қайд кардан лозим аст. Маъмурият ва иттифоқи касабаи ин муассисаҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқи касаба»-ро ба асос гирифта, барои фаъолияти ташкилотҳои иттифоқи касаба шароити имконпазири кориро фароҳам овардаанд.

Бояд гуфт, ки кумитаи иттифоқҳои касаба ғамхору пуштибони доимии меҳнаткашон, муҳофизи ҳуқуқҳои адолати иҷтимоии шахс дар коллективи меҳнатӣ мебошад ва дар ҳама давру замон барои ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқӣ, маҳнатӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии кормандон фаъолияти худро равона месозад.

Сарвари давлатамон дар фарҷоми суханронии хеш зимни ироаи Паём бори дигар таъкид сохтанд, ки "Таъмин намудани шароит барои зиндагии арзандаи сокинони кишвар ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат мебошад ва мо тамоми захираву имкониятҳоямонро барои расидан ба ин ҳадаф сафарбар сохтаем".

Мо-маорифчиёни шаҳри Истаравшан низ тамоми қуввaю ғайрати хешро баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллатамон равона сохта, кӯшиш мекунем, ки ба боварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сазовор гардем.

**Мӯсо ОЛИМОВ,**
**раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Истаравшан**

# РОҲНАМО ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Мо, омӯзгорон, ҳамеша аз он ифтихормандем, ки Сарвари давлатамон маорифро чун соҳаи афзалиятноки ҷомеа дониста, барои рушду нумӯи он диққату эътибори хоса медиҳанд. Маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ тавонистанд, ки бо қонунҳо ва барномаҳои нави таълимӣ мактабу маорифро рушду нумӯи тоза бахшанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 22-юми декабри соли 2016 ироа гардид, чашмам ба сатрҳои рӯҳбаландкунанда расид, ки чунин аст: «Танҳо миллати босавод метавонад насли соҳибмаърифату донишманд ва кадрҳои арзандаи давронро ба воя расонад, пеш равад ва дар ҷомеаи мутамаддин мақоми арзандаи худро пайдо намояд».

Ман, ки беш аз 20 сол боз дар мактаб аз фанни забони тоҷикӣ дарс мегӯям, боз ҳам аз он рӯҳбаланд гаштам, ки Пешвои миллатамон омӯзиши забонро дар шароити кунунӣ шарти муҳимтарин рушди иттилооту коммуникатсия ҳисобидаанд. Бо такмилу таҳрири нав қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», аз 5-уми октябри соли 2009 шаҳодати диққату эътибори хоса зоҳир намудани Ҳукумати ҷумҳурӣ мебошад. Барои ба амал баровардани ин қонун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб дар тамоми суханрониҳояшон дар назди маорифчиён вазифаву супоришҳои нав мегузоранд.




Нашри асари калонҳаҷми Президенти ҷумҳуриамон «Забони миллат – ҳастии миллат» дар соли 2016 барои мо, омӯзгорони фанни забони модарӣ, дастуру роҳнамои хубе гардидааст. Чунки дар он оид ба таърихи ташаккули забони тоҷикӣ аз замони бостон то ба ин замон сухан ронда, моро ба мақоми забони тоҷикӣ дар байни забонҳои эронӣ ва умумияту фарқияти он бо забонҳои тоҷикӣ, дарӣ, форсӣ ба таври амиқ ошно месозад. Аз ҷумла, чунин нигошта шудааст, ки «забони тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ) ба ивази забонҳои форсии миёна, портӣ, бохтарӣ ва суғдӣ дар қаламрави густариши ин забонҳо ҷойгузини онҳо гардид, аз лиҳози хусусиятҳои овоӣ, луғавӣ, дастурӣ аз забонҳои хешованди худ хеле дур рафта, ҷиҳатҳои хос пайдо кард».

Ҳар боби ин китоби муътабар ба масъалаҳои хеле муҳимтари таърихи забонамон бахшида шудаанд, ки барои на фақат омӯзгорони ин фан, балки барои дигар шавқмандони омӯзиши забони тоҷикӣ муҳим мебошад.

Пешвои муаззами миллат дар пешгуфтори ин китоби арзишмандашон чунин менигоранд, ки «дар фарҳундарӯзгоре сохтору шеваи зиндагии мо ба куллӣ дигаргун шуда, Тоҷикистони мустақилу соҳибихтиёр ба сӯи истиқлоли фарҳангӣ роҳ мепаймояд, лозим аст, ки забони худро низ ба дараҷаи як забони ҷӯёву инъикоспазир ва зояндаву таҳаммулпазири муосир такмилу тақвият бахшем, то ин ҳама таҳаввулот ва дигаргуниҳои бунёдӣ ин солҳои охири ҷомеаи моро инъикос карда, ба корвони тезрави фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамроҳ ва ҳамсафар бошад.

Маҳз бо пешниҳодҳои ҷолибашон Пешвои миллат ҳам дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ ва ҳам дар ин асари хеле ҷолибу хонданибоби «Забони миллат – ҳастии миллат» мардуми кишвар, хосса ҷавононро ба омӯзиши забони тоҷикӣ ва дигар забонҳои ҷаҳонигаштаи замони муосир даъвату роҳнамоӣ мекунанд.



**Рӯзимоҳ ТОЛИБОВА-**
**омӯзгори МТМУ № 5, ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе**

## ТАСҲЕҲ

Дар шумораи №1, аз 10.01.2017, саҳифаи 2 банди 1-и Раёсати №3-и Нақшаи кори Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017-«Санҷиши назорати татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №303 «Дар бораи коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиентҳо барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ» дар ноҳияҳои Муъминобод, Ховалинг, Темурмалики вилояти Хатлон ва ноҳияҳои Шаҳристон, Айнӣ ва Деваштичи вилояти Суғд» чунин хонда шавад: «Санҷиши назорати татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №303 «Дар бораи коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиентҳо барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ» дар шаҳру ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин ва Нораки вилояти Хатлон ва ноҳияҳои Шаҳристон, Айнӣ ва Деваштичи вилояти Суғд»

# ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ – МУҲИМТАРИН ОМИЛИ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

Мутолиаи бодиққати Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри 2016 ҳар як ҷавони ватандӯсту огоҳро ба андеша намудан водор месозад. Дар Паёми навбатӣ дар бораи авзои ҷомеа ва табақаҳои гуногуни шаҳрвандони мо суханҳои саҳеҳ ва дилпуркунанда баён шудааст. Барои инҷониб, ки акнун мактаби олиро хатм карда, дар паҳлуи устодони азизи худ ба тадрис машғулам, он нуктаҳои Паём бештар диққати маро ҷалб намуд, ки ба ҷавонони огоҳ ва ояндасоз нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, ин таъкидҳои падаронаи Пешвои миллати азизамон бисёр зарурӣ мебошанд: "Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд".

Таъкиди ин нуктаҳо буд, ки соли 2017 Соли ҷавонон эълон гардид. Дарвоқеъ, ҷавонони кишварро месазад, ки ҳамеша донанда ва амиликунандаи сиёсати хирадмандони Пешвои азизи миллат бошанд.

Фарҳанги миллӣ ин ташаккулдиҳандаи тарбияи ахлоқию эстетикии ҳар як қавму миллат ба шумор рафта, дар баланд бардоштани ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстию маърифатпарварӣ, пешрафти кори таълиму тарбия дар байни ҷавонон нақши ҳалкунанда мебозад. Таълиму тарбия дар он сурат пойдор хоҳад монд, ки хусусиятҳои миллӣ дошта, нигоҳдори арзишҳои таърихии мо, равнақу ривоҷи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ бошад. Ва яке аз қадамҳои устувор дар ин ҷода ташкил ва гузаронидани семинару конференсияҳои сатҳи баланд дар байни олимону коршиносон ва ҷавонони кишвар мебошад.

Халқи тоҷик чун халқи фарҳангдӯсту маърифатпарвар, озодандешу хирадманд дар тӯли таърих дар байни дигар қавму миллатҳо мақоми хосро доро буд. Беҳтарин фарҳангофарони миллати тоҷик тавонистаанд, ки бо асарҳои оламшумули худ миллати моро дар байни дигар қавмҳо муаррифӣ карда, то ба имрӯз расонидаанд. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ аз ҷумлаи эшонанд. Ва дар осори онҳо беҳтарин анъанаҳои фарҳанги миллӣ тавсиф карда мешавад ва дар тарбияи ҷавонон таъсири равшане доранд. Аз мутолиаи мероси гаронбаҳои онҳо ошкор аст, ки фарҳанг мояи асли ҳувияти миллат аст, фарҳанг метавонад миллатро пешрафтаю навовар ва соҳиби обрӯи ҷаҳонӣ кунад. Ин байти устод Рӯдакӣ муқовимати асрҳоро бартараф карда, то ба мо расидааст:

**Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,**
**То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ.**

Омӯзиши фарҳанги миллӣ, тарғибу ташвиқи он яке аз масъулиятҳои асосии ҷавонон мебошад. Ҷавонон метавонанд бо ҳисси баланди худшиносию ватандӯстӣ дар ин ҷода саҳми намоён гузоранд. Ҳамчунин, ҷавононро ташаббускору созандагони миллату давлат шуморидаанд, ки боз ҳам масъулияти ин қишри ҷомеаро нисбат ба ҳифзи дастовардҳои миллӣ, аз ҷумла фарҳанги миллӣ зиёд менамояд. Дар чунин вазъият, ки ҷаҳонишавию бархӯрди тамаддунҳо ба авҷи ногуфтании хавфнок расидааст, лозим меояд, ки нақш ва мақоми мо, ҷавонони соҳибмаърифат, боистеъдоду лаёқатманд ва дорои нангу номуси ватандорӣ муҳим ва асосӣ бошад.



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки «Фарҳанг пайвандгари наслҳо буда, ҳофизаи таърихии миллатро устувор медорад, фарзандони ӯро ба сӯи арзишҳои солим ва ибратбахши ҷомеаи башарӣ ҳидоят менамояд».

Яке аз омилҳое, ки имрӯз боиси ташвиши ҷиддӣ гардидааст, ҳамроҳшавии ҷавонон ба равияҳои тундраву худхоҳ ва тақлид ба пушидани либосҳои ғайр мебошад. Дар ҳоле, ки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ назар кунем, хоҳем дид, ки озодӣ чисту, ободӣ кадом аст! Имрӯз ҳазорон нафар аз гурезагон ранҷи мусофирию беватанӣ ва ҳазорони дигар дар вартаи ҳалокатанд. Мо бояд аз онҳо чӣ мебинем, ибрат гирем. Устод Рӯдакӣ чӣ зебо ва чӣ ҳаққонӣ фармудаанд:

**Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,**
**Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.**

Табиист, ки муҳофизи фарҳанги миллӣ он ҷавононе мебошанд, ки дорои дониши баланду идроки қавианд, зеро илм калиди ҳама мушкилот аст, шахси бедониш фирефтаи гурӯҳи тундраве мешавад. Як нишонаи зоҳирии тақлидкорӣ, ки ботинро ҳам ошкор месозад, одоби пӯшидани либос аст. Либос як ҷузъе аз ҷузъҳои асосии фарҳанги миллат аст. Тоҷикон, ки дар тули асрҳо забон, урфу одат ва либоси миллии хешро ҳифз карда, то ба замони мо овардаанд.

Баъзе анъанот бо гузашти вақт аз байн рафтаанд, вале либоси миллии мо, аз қабили чакан, атласу адрас хусусияти таърихии худро нигоҳ доштааст ва ҳоло ҳам мардум ба он аҳамияти махсус медиҳанд.

Мехоҳам ин нуктаро биафзоям, ки муаррифгари асосии либосҳои миллӣ ин санъаткорону ҳунармандон ва варзишгарон мебошанд. Масалан, сарояндагон, ки ҳамеша дар шабакаҳои телевизионӣ баромад мекунанд, ба либоспӯшии онҳо ҳамагон диққат медиҳанд. Бештар аз ҳама ба либоспӯшии онҳо ҷавонон тақлид менамоянд.

Беэътиборӣ ба либоси миллӣ бештар дар байни ҷавондухтарон дар ҳадди ташвишоварист. Имрӯз ҷавондухтарони тоҷик либосҳои ғайримиллӣ ба бар мекунанд ё аз матои миллӣ либосҳое омода месозанд, ки ба фарҳанги миллӣ хилоф мебошад.

Либос ин як рукни фарҳанги миллии тоҷикон аст. Ғайр аз ин, масъалаҳои гуногуне ҳаст, ки аз фарҳанги мо бегона буда, ба тарбияи ҷавонон таъсир мерасонад. Молу анволи барзиёд аз ғайри меҳнат ба даст овардан, зулм бар бечорагон кардан, ғуруру такаббур варзидан аз амалҳое мебошанд, ки сазовори нафрату лаънати аҳли виҷдону миллатанд.

Аз он чӣ гуфта шуд, хулоса ин аст, ки мо бояд аз он ифтихор кунем, ки дорои фарҳанги пурғановат ҳастем, миллати моро дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳамчунин, яке аз қадимтарин халқҳо мешиносанд. Ин халқ дар рушду такмили илму фарҳанги умумибашарӣ саҳми сазовор гузоштааст. Умуман, тарбияи ахлоқии ҷавонон дар асоси арзишҳои миллӣ, маънавӣ ва умумибашарӣ ба амал бароварда мешавад, зеро арзишҳои номбурда ҷонибҳои гуногуни тарбияро дар бар мегирад. Ва ҷавононро ба сӯи хислатҳои ҳамида – меҳру вафо, шавқат, адлу инсоф, шарму ҳаё, ҳимматбаландию саховатпешагӣ раҳнамун месозад.

Мо боварии қавӣ дорем, ки дар соли 2017 – Соли ҷавонон ҷавонони кишвари азизамон чун машъалбардорони сафи пеш худро муаррифӣ менамоянд.

**Шамшоди ҶАМШЕД,**
**ассистенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

# ҶАВОНОН НЕРУИ БУЗУРГИ ДАВЛАТ ВА МИЛЛАТАНД

Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, аз қадимулайём ҳар як халқу миллат бо ҷавонони боистеъдод ва арҷманди худ меболиданду аз корнамоиҳои эшон бо ифтихор ёд мекарданд. Зеро, онҳо парчамбардори давлати худ ва посдорандаи мероси аҷдодианд. Аз ин рӯ, ҳар давлату миллат такя ба ҷавонони худ намуда, корнамоиҳои ононро ҳамеша қадр, мекунанд, чунки онҳо муҳофизи марзу бум мебошанд.

Мо дар асри XXI умр ба сар мебарем, ки ин аср даврони инкишофи илму технология, бархӯрди фарҳангҳо ва ҷаҳонишавӣ мебошад. Дар чунин шароит оид ба пешбурди сиёсати давлатӣ, илму техника, соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ва дигар корҳои фарҳангӣ нақш ва мавқеи ҷавонон хеле муҳим аст. Зеро, ин қишри ҷомеа дорои афкори тозаю нав, неруи муҳимми пешбарандаи корҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, истифодаи васеи технологияи муосирро дар истеҳсолот метавонанд ба хубӣ таъмин созанд. Махсусан, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни дигар давлатҳои ҷаҳон ягона давлате мебошад, ки қисми зиёди аҳолии онро ҷавонон ташкил мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастгирии ҷавонон ва таъминии онҳо бо ҷойҳои нави корӣ, дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ бо донистани забонҳои хориҷӣ диққати махсус дода, пешниҳодҳои ҷавононро бахри инкишофи ватани азизамон доимо дастгирӣ менамоянд.

Чунончӣ маълум аст, бисёре аз кишварҳои сайёра ба мушкилоти ҷиддие рӯ ба рӯ шудаанд, ки баъзе аз ҷавонони худношинос даст ба корҳои номатлуб зада, давлату миллати худро оғуштаи хун намуда, ҳазорон нафар ҳамватанони худро бехонаву дар ва сарсону овора кардаанд.

Ман бо боварии комил гуфта метавонам, ки ҷавонони мо ҳисси баланди худшиносиву ватандорӣ дошта, ин мулки муқаддаси аҷдодии худро дӯст медоранд ва ҳамеша пойбанди сулҳу ваҳдат буда, ҳаргиз дар байни ин миллати кӯҳанбунёду соҳибтамаддун ихтилоф намеандозанд, зеро ҷавонони мо гуфтори бузургони худро сармашқи зиндагӣ қарор додаанд.

Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзи 22 декабри соли 2016 ироа намуд, бори дигар қайд карданд, ки ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон бо дасту дили гарм ва неруи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

Бо истифода аз ин дастуру супоришҳои Сарвари муаззами кишвар ҷавонони моро лозим аст, ки бояд бахри ҳифзи ватани азизамон- Тоҷикистон кӯшиш намуда, бар зидди ҳар гуна зуҳуроти номатлуб ва бегонапарастӣ мубориза баранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеи фаъол ва арзишманди ҷавонони кишварро дар рушду нумӯи Тоҷикистони азиз ба инобат гирифта, соли 2017- ро дар Тоҷикистон "Соли ҷавонон" эълон доштанд. Бинобар ин, ҷавонони мо аз ин тавваҷҷуҳи Пешвои миллат қуввату тавони тоза гирифта, ба Модар - Ватан хизмати содиқона намудан, марзу буми онро ҳимоя кардан ва дар ҳимояи манфиатҳои давлату миллат ҳушёр буданро қарзи фарзандии худ медонанд.

Зеро, ҷавонони фарҳангдӯсту худогоҳи мо хуб медонанд, ки тақдири ҳар як давлату миллат ва ояндаи он аз ҷавонони баору номус вобаста аст.

Ҷавонони мо бахри боз ҳам гулгулшукуфоии Тоҷикистони азизи худ камари ҳиммат баста, суханони Сарвари давлат ва бузургони хешро дастурамали кору фаъолияти худ қарор медиҳанд.

**Урунбек БАДАЛОВ,**
**раиси кумитаи иттифоқи касабаи МТМУ № 4,**
**ноҳияи Исмоили Сомонӣ**

# ОБ - МАНБАИ ҲАЁТ



Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти воқеӣ дар як муддати кутоҳ зери роҳбарии Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ чун давлати ташаббускор мақоми баргузидае пайдо кард. Ҳукумати Тоҷикистон дар ин давра чун давлати ташаббускор ба ҳалли масъалаҳои глобалӣ даст зад ва диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба худ кашид. Ҳамаи саъю кӯшишҳо, ташаббусҳо ва сиёсати гуманистона буд, ки давлатҳои абарқудрати ҷаҳон нисбат ба сиёсати пешгирифтаи Тоҷикистон таваҷҷуҳ намуданд. Ҳоло зиёда аз 150 давлати ҷаҳон бо мо муносибати дипломатӣ дорад ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро шинохтаанд.

Иштироки Тоҷикистон дар фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амнияти ҳамкорӣ дар Аврупо ва ҳимояи манфиатҳои умумибашарӣ нуфузи байналмилалии Тоҷикистон ва сиёсати хориҷии онро марҳила ба марҳила боло мебарад.

Дар Иҷлосияи 54- уми СММ соли 1999 Сарвари ҳукумати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба оқилонаю самаранок истифода намудани об аз минбари ин созмони бонуфуз баромад намуд ва соли 2003 – ро соли «Оби тоза» эълон кард. Ин таклифи Сарвари давлати тозаистиқлол аз ҷониби 140 давлати ҷаҳон бо хушнудӣ пазируфта шуд. Моҳи сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе бо ташаббусу дастгирии бевоситаи Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон Форуми байналмилалии «Оби тоза» баргузор гардид, ки дар он намояндагони 54 кишвари олам ва олимону коршиносони созмонҳои гуногун иштирок доштанд. Ҳайати кории ин форуми умумиҷаҳонӣ аз баромаду муҳокимаронииҳои олимону коршиносон то чӣ андоза ҷиддӣ будани ин масъиларо ба ҳисоб гирифта, солҳои 2005-2015- ро солҳои «Об барои ҳаёт» эълон доштанд. Ин ҳама дар марҳилае буд, ки дар саёраи Замин зиёда аз 750 миллион одам аз нарасидани об танқисӣ мекашанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбарҳои бонуфузи ҷаҳонӣ баромад намуда, қимати обро аз қимати нафту газ, ангишт баланд донистааст. Дар робита ба ин масъала, дар Тоҷикистон баҳри ҳаматарафа омӯхтану оқилона истифода намудани об ва захираҳои обӣ корҳои зиёди илмию таткиқотӣ анҷом дода шудааст.

Дар ҳақиқат ҳам, об муҷизаи ҳаёт аст. Талабот ба оби нушокӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ин ҳануз як тарафи масъала мебошад. Инсоният ҳаёти имрӯзаи хешро бе об тасаввур карда наметавонад. Тиҷорати ҷаҳонӣ бисёр давлатҳоеро медонад, ки ба хариду фурӯши об машғуланд. Масалан, Амрико аз Канада, Олмон аз Шведсия, Норвегия, Нидерландия, Арабистони Саудӣ аз Малайзия оби нушокӣ мехаранд.

Тайи даврони солҳои истиқлолӣ бо дастгирии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон истеҳсоли оби нушокӣ як соҳаи муҳими саноати хурокворӣи ҷумҳуриро ташкил дод. Ҳоло корхонаҳои «Оби зулол», «Шоҳамбарӣ», «Сиёма», «Файзобод» ба истеҳсоли обҳои шифобахш машғуланд, ки маҳсулоти ин корхонаҳо берун аз ҷумҳурӣ харидорони зиёд доранд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки 60 фоизи обҳои ҳавзаи Осиёи Марказӣ аз Тоҷикистон ҷорӣ мешаванд. Аз ин рӯ, кишвари моро диёри дарёҳою пиряхҳо ва сарзамини кулҳою чашмаҳои шифобахш медонанд. Дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофарниҳон, Зарафшон, Сир дарёҳои калонтарини Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дарозии умумии онҳо ба 28500 км мерасад. Обҳои минералии кишвари мо аҳамияти оламшумул доранд. Шифогоҳи «Обигарм», «Хоҷаобигарм» ва ғайраҳо аз ҳамин қабиланд.

Дар дарёи Вахш ба истифода дода шудани неругоҳҳои барқию обии «Норак», «Бойғозӣ», «Сангтуда», «Роғун» нишони он аст, ки об дар саноати энергетикии кишвар нақшу мақоми баланде дорад.

Асамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид 21 декабри соли 2016 Қатъномаи Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028»–ро қабул намуд. Бо қабули ин қатънома Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешоҳангу ташаббускор дар ҳалли масоили глобалӣ дар саросари дунё боиси таваҷҷуҳ ва эҳтиром гашт. Ин боз як иқдоми хуби умумибашарии мо-тоҷикон баҳри некуаҳволии мардуми олам мебошад, ки аз ин мардуми сарбаланди тоҷик ифтихорманду сафароз аст.

**Рустам СОЛИҲОВ,**
**сармутахассиси шуъбаи маорифи ноҳияи Восеъ, Аълочии маорифи Тоҷикистон, Аълочии фарҳанги Тоҷикистон**

# «МУРАББИИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН-2016» МУАЙЯН ГАРДИД



11-уми январи соли ҷорӣ дар филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе даври ҷумҳуриявии озмуни "Мураббии соли Тоҷикистон - 2016" баргузор гашт. Дар ҳамоиши ифтитоҳии он муовини вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Латофат Назирӣ (ҳамзамон раиси Кумитаи тадорукот), сардори раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии Вазорати маориф ва илм Абдуҷаббор Алиев (ҳамзамон раиси ҳайати ҳакамон), намояндагони ВАО ва раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру вилоятҳо иштирок намуданд.

Дар озмун ба ҳайси довталаби озмун Ёрзода Фаринуш Ҳасандухт- мураббияи муассисаи таълимии томактабии №98-и ноҳияи Сино, Қулова Гулчаҳон Раҷабмуродовна- мураббияи муассисаи таълимии томактабии №9-и шаҳри Ваҳдат, Рӯзиева Заррина Махсудҷоновна- мураббияи муассисаи давлатии «Кӯдакистони Президентӣ»-и шаҳри Хуҷанд, Хуморикова Ганҷина Давлатёровна- мураббияи муассисаи таълимии томактабии №1-и шаҳри Хоруғ ва Гулова Мавҷуда Саидовна- мураббияи муассисаи томактабии № 17-и шаҳри Қӯрғонтеппа ширкат варзиданд, ки он аз шартҳои зерин: муаррифии фаъолияти педагогӣ, дониш ва маҳорати касбии мураббия, мизи мудаввар, машғулияти таълимӣ, таҳлили ҳолатҳои равонӣ–педагогӣ ва тасвир намудан ва сохтани манзара бо дархости ҳайати доварон иборат буд.

Озмун рӯзи дигар дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илм ҷамъбаст гардида, Латофат Назирӣ-муовини вазири маориф ва илм ҷараёни озмун ва холҳои довталабонро баррасӣ намуда, аз раванди баргузории он қаноатмандии хешро баён кард.

Дар хотима Заррина Рӯзиева-мураббии муассисаи давлатии «Кӯдакистони Президентӣ»-и шаҳри Хуҷанд бо нишондоди аз ҳама баланд ғолиби озмуни "Мураббии соли Тоҷикистон - 2016" дониста шуд. Ҳамаи иштирокдорони даври ҷумҳуриявии озмун бо нишони "Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон", тухфаҳои хотиравӣ ва ғолиб бо мукофотпулӣ ба маблағи 2000 сомонӣ сарфароз гардонида шуданд. Инчунин, аз ҷониби Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи иштирокдорон тухфаҳои пулӣ ва роҳхат ба истироҳатгоҳҳо супорида шуд.

**«Ҳомии омӯзгор»**



# Машварат роҳнамоест дар самти омӯзиши қонунҳо

Семинари машваратӣ дар мавзӯи «Муҳимияти омӯзиши Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар муассисаҳои таълимӣ» бо иштироки омӯзгорони ноҳия бо ибтикори мақомоти прокуратура, шуъбаи маориф ва дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ баргузор гардид. Машваратро мудири шуъбаи маорифи ноҳия С.Гурезов ифтитоҳ бахшида, роҷеъ ба ҳадафҳои баргузории чорабинӣ ва зарурати пешоҳанг будани омӯзгорон ҳамчун қишри пешқадами ҷомеа дар амалӣ сохтани талаботҳои ду санади меъёрии миллии кишвар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бори танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ҳарф зад. Аз ҷумла изҳор дошт, ки Президент дар Паёми навини худ ба Маҷлиси Олӣ ба Вазорати маориф ва илм супориш додааст, ки омӯзиши хатмии Конститутсия ва қонунҳои мазкурро дар барномаҳои таълимӣ ба роҳ монанд. Ин пешниҳоди Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тақозои замон буда, яке аз вазифаҳои муҳими имрӯзу оянди давлат ва ҷомеа маҳсуб меёбад. Машварати имрӯза роҳнамоест дар самти амалӣ намудани қонунҳои муҳими ба ҳаёти иҷтимоии аҳли ҷомеа хеле муфиду таъсиргузор, ки натиҷаҳои назаррасро дар пай дорад ва дар болоравии сатҳи маърифати ҳуқуқии насли наврас нақши хубе мегузарад.

Дар рафти баргузории ҳамоиш раиси ноҳия М.З.Ғафурзода, прокурори ноҳия Умед Пулодӣ, раиси суди ноҳия Далер Холмуродзода, сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия Рустам Раҷабзода, сардори раёсати маориф ва илми вилояти Хатлон Ҳокимхон Ализода ва ёрдамчи калони прокурори ноҳия Муҳаммад Раҷабзода ширкат ва суханронӣ намуданд.

**Ҳикматулло ҲАМИДОВ,**
**«Ҳомии омӯзгор»**

# Беҳтарин донишҷӯи сол



Моҳи декабри соли 2016 дар шаҳри Қӯрғонтеппа бо ташаббуси раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилояти Хатлон озмуни вилоятии "Беҳтарин донишҷӯи сол" бахшида ба эълон гардидани соли 2016 "Соли рушди неруи зеҳнӣ" баргузор гардид. Дар озмун беҳтарин донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят фаъолона ширкат варзиданд. Махфират Хидирзода, муовини раиси вилояти Хатлон ҷараёни озмун ва холҳои довталабонро баррасӣ намуда, аз раванди баргузории он қаноатмандии хешро баён намуд. Дар ҷамъбасти озмун Муҳаммадзамон Ҳамроев, донишҷӯи курси якуми Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлони ноҳияи Данғара бо нишондоди аз ҳама баланд ғолиби озмуни вилоятии "Беҳтарин донишҷӯи сол" дониста шуд.

М. Ҳамроев соли 2016 литсей барои хонандагони болаёқати равияи иқтисодии шаҳри Душанберо хатм намуда, соли 2016 донишҷӯи Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон гардидааст.

**Шариф АБДУЛҲАМИД**

# ҚИССАЕ АЗ НАҚЛИ ҚИБЛАГОҲ

Зимистони соли 1942 дар ҷараёни муҳорибаи шадид бо фашистони гитлерӣ дар ҳудуди Гатчина (яке аз осорхонаҳои бузургтарини ҷаҳон дар зери осмон) дар ҷараёни ҳифзи шаҳри Ленинград (ҳозира Санкт-Петербург) ҳодисае бо ҷанговари полки 1487 Байрақи Сурхдори тупнаварди артиллерии Гатчино, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъа Алӣ, ки дар ин муҳориба бевосита иштирок намуда, ҳамчун қумандони дастаи (артиллерийский расчёт) тупи 122-мм гаубитса (М-30) пирӯзиро бар фашизми гитлерӣ ҳар замон наздик меовард, рух дод.

Ҳодисаи мазкур қобили ёдоварист, ки аз чолокию ҳушёрии мардони майдони набард, сарбозони муҳорибаи Ленинград дар солҳои мудҳиши ҷанги Бузурги Ватанӣ дарак медиҳад. Тамоми давраи муҳосира (аз охири соли 1941 то оғози соли 1944) сарбозони халқу миллатҳои гуногуни Иттиҳоди Шӯравӣ шаҳри Ленингради шикастнопазирро, ки бо ягона «Роҳи ҳаёт» аз болои кули Ладога бо замини бузург иртибот дошт, ҳимоя намуданд.

Падарам, муҳорибаҳои ин шаҳри дар муҳосира афтодаро, ки барои фашистон ба истеҳкоми фатҳнопазир мубаддал гашта буд, ба хотир оварда, ҳодисаи рухдодаро қисса намуданд, ки соли 1942 ба охир мерасид. Зимистони қаҳратун, муҳорибаҳои шадид барои ҳифзи шаҳри Ленинград, ҳуҷумҳои доманадори ҷузъу томҳои беҳисоби фашистон барои ишғоли шаҳр идома дошт. Аз шиддати таркиши гулулаҳои ҳавопаймоҳои бомбаандоз ва артиллерияи фашистӣ сафедии барф болои замини ноҳамвор ва биноҳои харобгашта қариб, ки ба тамом аз байн рафта, дар ҳама ҷо тирагию сиёҳӣ ҳукмфармо буд. Рӯзҳои бе ин ҳам кутоҳ, торик ва бо дӯди ғализ олӯда ғаму андӯҳро афзӯда, як беқарорию ноумедиро дар қалби инсонҳо ҷой менамуд.

- Ҷанги беамон чандин рӯз боз бе танаффус давом мекард, -баъд аз андаке хомӯш истодан нақли худро давом доданд, падарам. -Кӯчаю пасткӯчаҳои як замон ороишёфтаи осорхонаи зери само, ки наздики шаҳри Ленинград қарор дошт, ба ҷабҳа табдил ёфта, ҳар як ҳуҷраю хона ба қалъаи дастнорас мубаддал гардида буд.

Дар яке аз чунин хиёбони хонаҳои баландошёнааш харобгаштаи минтақаи Гатчино рӯзи кутоҳи зимистон бо таркишу оташандозиҳои гӯшхарош, ғуввоси тиру туфанг ва садои мухталифи техникаи ҷангии ҳавоию хушкигард зуд ба поён расида, торикӣ ҳукумрон мегашт ва ҳайати шахсии дастаи артиллерии мо сари вақт натавонист бо қувваҳои асосии қисми ҳарбӣ пайваст шавад. Аз тарси ногаҳон бо душман наомехтан, тасмим гирифтем, ки дар яке аз таҳхонаҳо мунтазир шуда, бо фарорасии субҳи содиқ бо ҳамроқонамон ҳамроҳ шавем.

Чун торикӣ ҳукмрон шуд, тирпарронӣ ва шурӯ ғавғои ҷанг низ мисли равшанӣ нобуд мегашт, фазоро оромӣ фаро мегирифт. Садои ягонаи тир ва ё мушаки алоҳидаи равшандиҳанда хомӯшии шабро халалдор менамуд, вагарна гумон мебӯрдед, ки шумо дар ҷаҳони берун аз ин бедодгариҳо қарор дошта, ҳама ин ваҳшоният хоб асту хаёл.



Тақрибан соати дувоздаҳ ба яки шаб рӯ ба рӯи бинои нимвайронае, ки мо ду ҳамроқ аз як даста дар таҳхонаи он камин гирифта интизорӣ мекашидем, мошини сабукрави «Эмка» ё худ газик, ки ҳақиқатан аз штаби қисми низомии мо буд, таваққуф намуд. Аз дохили газик афсари баландрутбаи чеҳрааш шинос, пустини сафед дар бар ва дар сар кулоҳи афсарӣ («папаха») берун баромада бо фонуси дастӣ равшанӣ намуда, гӯё ба касе ишорат мефиристод. Чашмакзании фонусро дида, мо гумон намудем, ки ҳар ҷо бошад афсари баландрутба барои дарёфти мисли мо- раҳгумзадагон омадааст ва мехоҳад моро ҷамъ намояд. Фурсатро ғанимат дониста, бе ягон фикри дигаре шодон аз таҳхона берун шуда, ҷониби ӯ раҳсипор шудем. Ба назди подполковник расидан замон даст ба чакка бӯрда ба ӯ муроҷиат намудам, ки «сержант Алиев ва сарбози қаторӣ Климов, ки аз қувваҳои асосӣ дӯр мондаем, ба Шумо арз мекунанд».

Подполковник ба мо назар афканда бо чеҳраи турш якбора фарёд зад, ки тибқи қонуни давраи ҷанг бо сабаби фирор аз ҷабҳа шуморо ба қатл бо роҳи паррондан ҳукм менамоям ва таппончаашро аз ғилоф баровварда сӯи мо равон намуд. Ман, ки баробари автомати ППШ зери бағал туфангча низ доштам, пешдастӣ намуда, онро дастрас намуда пеш аз подполковник ба ӯ тир холӣ намудам. Афсар мисли латта ба замин афтод. Айни замон Климов, ки ҷавони боғайрату чолок буд, бо силоҳаш ронандаро ба нишон гирифта аз ӯ талаб намуд, то ки дастонашро болои чамбарак гузорад.

Кор аз кор гузашт. Мо ҳарду хуб дарк намудем, ки қатли мо собит буда, авф имконнопазор аст.

Бо вуҷуди он худро ба даст гирифта, чунонки дар урфият мегӯянд «аз ҷони нобаромада умед», бо чолокии ғайриоддӣ ҷасадро бараҳна намуда, сару либос, планшет, портупея ва силоҳашро ба буғча ҷой намуда, дохили газик намудем. Мо ҳарду ҳунари ронандагӣ надоштем, бинобар ин, ба ронанда таҳдид намудем, ки агар зистан мехоҳад, моро ба штаби қисми низомӣ, ки подполковник дар он фаъолият дошт барад, вагарна худ метавонем ба он ҷо ҳаракат намоем. Ронанда зуд розӣ шуд ва мо ба газик боло шуда, сӯи штаб раҳсипор гаштем.

Соате нагузашта назди штаби қисми низомӣ қарор намудем. Аз автомашина берун шуда, ронандаро пеш андохта, буғча дар даст дохили штаб гаштем. Бевақтии шаб бошад ҳам, чанд нафар афсарони олирутба атрофи миз нишаста, дигаре росто баҳс менамуданд.

Чанд нафар сарбоз, ки баъди иҷозат моро халъи силоҳ намуда, ба ҳуҷраи пур аз дуди тамоку, ба ном штаб, ворид намуданд аз пушти сар истода гӯё омода буданд ҳамин замон саркӯб намоянд.

Ман, ки рутбаи сержантӣ доштам, як қадам пеш монда, мухтасар воқеаи шударо арз намуда, бӯғчаро пеш ниҳодам.

Яке аз афсарони олирутба ба ман наздик шуда, бӯғчаро гирифта болои миз гузошт. Онро боз намуда, ба дохили он нигарист ва баъдан ҷониби ман рӯ тофта, ҳарду рутбаи маро канда фармон дод, ки моро ҳабс намоянд.

Дар кутоҳтарин муддат аз ҳуҷра берун намуда, либосамонро аз тан кашида, ба як утоқи намноки ба ном «гаутбахта», ки на мизу курсӣ ва на тахтахоб дошт, ворид намуда, дарашро қулф заданд. Дар ҳуҷраи сарду торик ду рӯзамонро ларзидаву гурусна сипарӣ намудем. Дар ин ҷараён чандин маротиба ҳар кадомеро ба бозпурсӣ бурда, пас меоварданд. Рӯзи сеюм ба ман ва Климов либоси тозаи низомӣ ва мӯза дода, ба утоқи нисбатан гарм, хушк ва дорои кати хоб гузарониданд. Хӯрок ва ҷойи гарм моро роҳат бахшид.

Аз байн як ҳафта гузашт. Ба мо тагпӯши тоза («кальсоны») ва либоси низомии пок дода, ба ҳаммом бӯрданд. Рӯзи дигар, субҳи содиқ моро бо конвой берун оварданд. Ман ба Климов нигариста бо овози паст алвидоъ гуфтам.

Вақте ки моро берун оварданд, дар маркази майдоне зиёда аз ҳазор нафар ҷамъ омада буд. Як автомашинаи боркаши ЗИС («Полуторка»), ки се паҳлӯи бордон (кузов)-аш поин фаровварда ва атрофаш бо тикаи сурх оро дода шуда буд, ба назар менамуд. Болои кузоваи автомашина мизи бо тикаи сурх пӯшида ва чанд курсӣ дошт.

Моро ба кузоваи автомашина боло намуданд. Ҳанӯз ҳам аз ду ҷониби мо корвон (конвой) истода буд. Ман бори дигар ба ҳамроқам назар афканда, гӯё хайрбод намудам. Мо ҳар ду аз дунё умедамонро канда, дар хаёлоти худ будем. Паси мизи болои кузови автомашинаи боркаш чор нафар афсарони олирутба ҷой гирифта, ҳар яке ба ҷамъомадагон муроҷиат намуда чизе мегуфтанд. Садҳо сарбозу афсарон, ки моро иҳота намуда буданд, бо хомӯшии сард гӯш ба гуфтор буданд. Ман бо хаёлоти хеш ба модари меҳрубонам, бародарон ва хешу таборам, кӯҳистони азизам рӯ оварда, худ ва онҳоро таскин медодам. Узр, ки гуноҳи авфнопазир намудам. Тамоми умри кутоҳи хешро аз қадами аввал то ба ин дам аз пеши назар чун лентаи кино дар як лаҳза гузаронидам.

Даме буд, ки аз суханони афсари олирутба калимаи «помиловать» садо дод, ки он ба гӯши ман чун калимаи «повесить» шунида шуд. Бо шунидани ин калима дасту поямро беҳавсалагие фаро гирифта, ҷасадам ба болои кузоваи автомашина афтод.

Чун чашм боз кардам, болои сарам афсари олирутба ба зону истода, сарамро медорад ва шухиомез мегӯяд, агар ҳама сарбозони мо чунин мебуданд, мо кайҳо фашистро несту нобуд мекардем. Бархез сарбоз ҷанги мо бо душман идома дорад.

Баъд аз андак хомӯшии дигар қиблагоҳ нақлашро давом додаанд: - Танҳо баъди анҷоми гирдиҳамоӣ (митинг) дарк намудам, подполковникеро, ки мо ба хотири ҳифзи ҷони худ аз байн бурдем, ҷосус буда, чанд вақт боз кашшофони низомӣ аз пайи ошкор намудани ӯ кор бурданд, аммо мо-сарбозон бо ин амаламон нагузоштем, ки ӯро зинда дастгир кунанд.

Афсари олирутба дар митинги доиршуда, камбудии моро ироа карда, афзуданд, ки агар ӯро зинда ба даст меовардем, албатта барои сарфароз шудан бо мукофоти давлатӣ моро пешниҳод менамуданд.

Баъди ин воқеа мо, ҳамроқон, ба дастаи тупи артиллерии худ баргашта роҳи ҷангии хешро ман ҳамчун командири даста бе рутба, Климов бошад, ҳамчун сарбози қаторӣ дар рутбаи ефрейтор, идома додем. Баъди фатҳи Берлин ҷангро дар рутбаи низомии сержанти калон ба анҷом расонидам.

То ба ғалабаи бузург рӯзу моҳу соли бешумори ҷанги хунумонсӯз монда буд ва дар ин ҷараён чи воқеаҳои аҷоибу ғароиб, даҳшатовару фаромӯшнашуданӣ аз сар гузашт, ки шояд боз кадоме аз онҳо чун қиссаи омӯзанда ба мардону муҳофизони ватандор минбаъд пешниҳод шаванд.

**А. АЛИЕВ,**
**омӯзгор, сарбози интернатсионалист**

# НИШАСТИ РАИСОНИ КУМИТА

Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷаласаи Комиссияи кор бо ҷавонони назди Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ҷаласа намояндагони Комиссияи кор бо ҷавонони назди Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми ҷумҳурӣ ва раисони кумитаҳои иттифоқи касабаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ иштирок намуданд.

Н.Ҷӯраева – мутахассиси шуъбаи робита бо ҷомеа ва муносибатҳои байналмилалии Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илм зимни баромади худ оид ба масъалаҳои гуногуни фаъолияти кумитаҳои иттифоқи касабаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар соли 2017 изҳори ақида намуда, саҳми кумитаҳоро дар рушди давлати соҳибистиқлол ва тарбияи ҷавонон-донишҷӯёни ватандӯст муҳим арзёбӣ намуд.

Дар ҷаласа доир ба лоиҳаи Низомномаи озмуни фарҳангие, ки байни донишҷӯёни муассисаҳои миёна ва олии касбӣ бахшида ба иди байналмилалии Наврӯз таҳия шуда буд, андешаҳои ҷолиб баён гардид. Ҳамзамон, дар ҷаласа Нақшаи фаъолияти кори Комиссияи кор бо ҷавонони назди Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми ҷумҳурӣ барои соли 2017, Низомномаи Шӯрои донишҷӯён дар хобгоҳ, тартиби додани ордерҳо ба донишҷӯёни муассисаҳои миёна ва олии касбӣ баррасӣ гардид.

Инчунин, дар ҷаласа нақшаи номгӯи чорабиниҳое, ки оид ба ҷашнҳои муҳими давлатӣ, аз қабили 24-умин солгарди таъсисёбии Артиши миллӣ, Соли ҷавонон, иди байналмилалии Наврӯз ва 20-солагии Ваҳдати миллӣ таҳия шуда буд, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Зимни баррасии масъалаҳо мубодилаи афкор сурат гирифта, иштирокдорон фикру андешаҳои худро иброз доштанд.

**Т.ИҲРОМОВ**



# ВОХӮРИИ СУДМАНД



13 феврали соли ҷорӣ дар Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон вохӯрӣ доир гардид, ки дар он З.Давлатзода-муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Г.Бобосодиқова-узви Шӯрои занон-сулҳҷӯён, Г.Ахророва-роҳбари Марказі бӯҳронии «Боварӣ ба фардо», М.Хусейнова-ҳимоятгар (адвокат)-и Маркази бӯҳронии «Боварӣ ба фардо», М.Бобобекова-шоира, Н.Ҷӯраева-мутахассиси шуъбаи робита бо ҷомеа ва муносибатҳои байналмилалии Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илм ва омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ ширкат варзиданд.

Вохӯрии мазкур зери унвони «Ҳаёти солим бидуни зӯроварӣ ва нақши ҷавонон дар нигоҳ доштани сулҳу субот дар кишвар» роҳандозӣ гардида, иштирокдорон вобаста ба нақши ҷавонон дар рушду нумуи кишвар ва дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани онҳо суханронӣ намуданд. Инчунин, таъкид карда шуд, ки ҷавонписарону ҷавондухтарон барои барпо намудани оила бояд омодагии ҳамаҷониба дида, барои пешбурди ҷомеа оилаи солимро бунёд намоянд.

Дар рафти ҳамоиш мубодилаи афкор сурат гирифта, донишҷӯён ба суолҳои худ посухҳои мушаххас гирифтанд.

## ТАЪЗИЯ

Ҳайати кормандони Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба директори Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо Тоҷинисо Маҳмадова бинобар даргузашти **МОДАРАШ** изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

Кормандони Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба директори президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ғуломқодир Бобизода бинобар даргузашти **ПАДАРАШ** изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

Кормандони Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ронандаи кумитаи ҷумҳуриявӣ Рустам Анваров бинобар даргузашти **ПАДАРАШ** изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

Кормандони Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзоёни иттифоқи касабаи маорифи ноҳияи Рошткалъа ба раиси кумитаи иттифоқи касабаи ноҳия Қамбар Мавлоннназаров бинобар даргузашти **ДУХТАРАШ** изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

Кормандони Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзоёни иттифоқи касабаи маорифи ноҳияи Ховалинг ба раиси кумитаи иттифоқи касабаи ноҳия Назар Раҳмонов бинобар даргузашти **БАРОДАРАШ** изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

# ВОХӮРИИ ҶАВОНОН БО ЗАНОНИ СУЛҲОВАР



Барои бедор кардан ва тақвият бахшидани ҳисси меҳанпарастии ҷавонон 10-уми феврал дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ вохӯрии донишҷӯён бо занони сулҳовар, ки дар барқарор намудани вахдату оромӣ дар кишварамон саҳм доранд, баргузор гардид. Ҷамъомадро намояндаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сабоҳат Мамадалиева оғоз бахшида, аз нақши занони далеру шуҷоъ, ки ҷони худро сипар карда, барои миллату Ватан хизмат кардаанд, сухан гуфт.

Адолат Узақова, собиқ раиси ноҳияи Турсунзода аз ҷавонон даъват ба амал овард, то ба қадри ин оромию осоиштагӣ бирасанд. Мавсуф аз замони раиси ноҳия буданаш ёдовар шуда, қайд намуд, ки дар давраҳои ҷанги шаҳрвандӣ касе ҷуръати роҳбар шуданро надошт. Мо, занон ин ҷасоратро аз Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯхтем ва маҳз неруи муқтадири модар аст, ки касеву чизе ба он муқобил баромада наметавонад.

Саноат Усмонова, аъзои фахрии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ваҳшонияте, ки нисбат ба аҳолии осоишта аз тарафи қувваҳои оппозитсионӣ раво дида мешуд, нақл кард.

Хосият Ваализода, шоира, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аз эҷодиёти худ, ки мавзӯи ватандӯстию ваҳдатро дар бар мегирифт, шеърҳо қироат кард.

**И.Қосимов**

# Муаммои «Артиш»

1. Романи Фотеҳ Ниёзӣ. 2. Аскар бо забони русӣ. 3. Капитан, майор. 4. Он, ки дар сафҳои артиш хизмат мекунад. 5. Воситаи муҳофиротӣ. 6. Муқобилмаъонои мушкил. 7. Лашкаркаши бузурги фаронсавӣ. 8. Шакли адабӣ. 9. Сурх, сабз. 10. Навъи ҳаракати аскарон бо шикам. 11. Рутбаи ҳарбӣ. 12. Фатҳу кушоиш, зафар. 13. Мошини ҷангии ҳарбӣ. 14. Донишҷӯйи мактаби милиса. 15.Як қисми автомат. 16.Дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ. 17. Саидқул ***, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ. 18. Воҳиди маъмурӣ. 19. Метале, ки қисми болоии тайёраҳо аз он сохта мешавад. 20. Дарё дар Россия. 21. *** Мересев, қаҳрамони «Достони марди ҳақиқӣ» - и Борис Полевой. 22. Моддаи химиявӣ. 23. Муқобилмаъонои дӯст. 24. Рамзи давлатӣ. 25. Шаҳр дар Тоҷикистон. 26. Рамзи сулҳ. 27. Исми қадимаи шаҳри Турсунзода. 28. Муродифи ташаккур. 29. Яроқи ҳарбӣ. 30. Дарахти ҳамешасабз. 31. Пайвандаки шартӣ. 32. Ҳаммаънои азоб. 33. Ноҳия дар ҷумҳурӣ. 34. *** Қарабоев, нахустин Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ аз Тоҷикистон. 35. Авиаконструктори тайёраи «Ту – 150». 36. Зодгоҳ. 37. Ғизои доимии мардум. 38. Равшанӣ.

*Мураттиб Ҳотами ҲОМИД «Омӯзгор»*



ҲОМИИ ОМӮЗГОР

Муассис: Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Э. ХУШВАХТОВ

Телефонҳо: 221-11-80, 227-85-01, 223-17-48, 221-13-21, 221-16-74

e-mail:kasaba_tj@mail.ru

Ҳайати таҳририя: Шарифзода Исмоил Зариф, Р. Одиназода, М.С. Қурбонов, М. С. Мироватов, С. Б. Шогузанфаров, Ҳ. С. Раҳматов, О. П. Усмонова, Т.Р. Раҷабов

Мухбирони минтақавӣ: Ҳ. Ҳамидов, И. Мақсудов.

Моҳнома 31 октябри соли 2012 таҳти рақами 0032/ рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шудааст.

Моҳнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мекунад, ки метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» (кӯчаи Борбад 36) ба чоп расидааст. Адади нашр: 4800

Нишонии моҳнома: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 20, Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Индекс: 734012

Суратҳисоби бонкии мо: Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
РМА (ИНН) 01 000 37 95
20 20 29 72 61 690 1000 227
35 01 01 369
20 40 29 72 41 36 91
ҶСК Ориёнбонк, шаҳри Душанбе